Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дар мавзӯи «Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. - Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст.**

Раванди муносибатҳои байналхалқӣ, муайян кардани ҷойгоҳи қувваҳои минтақавӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ, таҳлил ва баҳодиҳии вазъияти геополитикӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро тақозо менамояд. Ин ба фазои геополитикии «олами ислом» бештар нисбат дорад, ки дар меҳвари стратегии он Афғонистон меистад. Бинобар ин имрӯз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар маркази таваҷҷуҳи донишмандони мактабҳои илмӣ ва сиёсатмадорони кишварҳои гуногуни дунё қарор дорад.

Дар солҳои охир Ҷумҳурии Исломии Афғонистон яке аз давлатҳои осебпазиру ба мушкилот печида муаррифӣ мешавад, ки аз қаламрави он таҳдидҳои ифротгароӣ, терроризм ва интиқоли маводи мухаддир бармеоянд. Ворид шудани қувваҳои ҳарбии давлатҳои узви Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ дар соли 2001 ба Афғонистон на танҳо масъалаҳои маҳви ташкилоти террористии «Ал-Қоида» ва ҷунбиши «Толибон»-ро ҳал карда натавонист, балки ба зиёд шудани истеҳсоли маводи мухаддир ва интиқоли минбаъдаи он ба кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла Тоҷикистон, Аврупо ва дигар давлатҳои ҷаҳон сабаб гардид. Наздикии бевосита ба минтақаи Осиёи Марказӣ Тоҷикистонро водор менамояд, ки бо Афғонистон самти хоси сиёсати хориҷии ба манфиати тарафҳо мувофиқро роҳандозӣ намояд.

Муаллифи рисола дуруст қайд менамояд, ки дар таҳқиқи ин масъалаҳо таҳлили равандҳои тағйирёбии низоми ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон накши муҳим дорад.

Аз нигоҳи муаллиф таҳқиқи таҳаввули дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI дар шароити пурра аз хоки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон баровардани қувваҳои эътилофии зери роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва ташаккули элитаи нави ҳокимияти сиёсии кишвар хеле мубрам мебошад.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот аз он иборат аст, ки дурнамои ба сари ҳокимият омадани роҳбарони ба Ғарб майлдошта, онҳоеро, ки ба устуворию суботи вазъи минтақаи Шарқи Миёна манфиатдоранд, водор менамояд, ки ба масъалаи таъсири муносибатҳои байниҳамдигарии сатҳи байналмилалӣ диққати ҷиддӣ диҳанд. Ҳоло дар як қатор кишварҳои Шарқи Миёна омили динӣ қувват гирифта вазъи сиёсии ин давлатҳоро ноором сохтааст. Дигаргуниҳои бунёдии ҷаҳон ва минтақа ба дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI ва ба муносибатҳои ин кишвар бо давлатҳои ҳамсоя таъсир расонидаанд, ки мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти зикргардидаро афзун менамоял.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки бори аввал дар илми сиёсатшиносии ватанӣ иқдом гирифта шудааст, ки ба тариқи маҷмӯӣ таҳаввулоти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирад.

Навгониҳои таҳқиқоти мазкур инчунин ба таври зайл ифода меёбад:

- асосҳои илмӣ-методологии таҳлили дурнамои сиёсати хориҷӣ муайян гардиданд;

- хусусиятҳои ташаккули манфиатҳои миллӣ ва фаъолияти хориҷии давлатҳои рӯ ба тараққӣ таҳлил гардиданд;

- заминаҳои таҳаввулоти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон баррасӣ гардиданд;

- таҳаввулоти рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таҳқиқ гардид;

- ташаккули сиёсати хориҷии Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон омӯхта шуд;

- рушди сиёсати бисёрсамтаи Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон муйян карда шуд;

- ҷиҳати беҳтар намудани сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон тавсияҳои илмӣ пешниҳод гардиданд.

Муаллиф тавонистааст таҳаввулоти сиёсати бисёрсамтаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро муқоиса намуда, ба хулосаи муҳим бирасад, ки Ҳукумати Афғонистон ба рушди минбаъдаи робитаҳои дутарафаи иқтисодӣ кӯшиш намуда, барои музокира бо Покистон, ки бо мақсади гуфтушунидҳо бо мухолифини мусаллаҳ ба бумбаст расидааст, омода мебошад.

Таҳлили сохтори рисола нишон медиҳад, ки дар он масълаҳои воқеан калидии масъалаи таҳқиқшаванда - заминаҳои таҳаввулоти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон баррасӣ гардиданд.

Дар чорчубаи рисола ба муаллиф муяссар гардидааст, ки зимни таҳлили мавзӯъ аз назари иҷтимоӣ-сиёсӣ, этникӣ (қавмӣ), иқтисодӣ ва фарҳангию мазҳабӣ, ки зери таъсири ҳамин омилҳо сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ташаккул ёфтаанд, назари васеи сиёсӣ намояд.

Бобҳои рисола ба заминаи васеи манбаву таҳқиқотҳои муҳаққиқони афғон, тоҷик, рус ва олимони ғарб такя мекунанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот, имкон медиҳад, ки вазъи имрӯзаи равандҳои сиёсӣ, ки дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба амал меоянд,

таҳлил ва муайян карда шаванд, рушди минбаъдаи вазъият дар минтақаи Осиёи Марказӣ пешгӯӣ шавад, воситаҳои мубориза бо хатарҳои нав имконнопазир гардад, ҳамчунин дар сурати бад шудани вазъият роҳҳои пешгирии он муайян гардад. Хулосаҳои ҷудогонаи таҳқиқ барои сохторҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон манфиатбахшанд.

Бояд зикр кард, ки дар боби якуми диссертатсия **“Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи таҳаввули низоми муносибатҳои байналмилалӣ”** якчанд муносибатҳои методологии таҳқиқи стратегияи сиёсати хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Муаллиф дуруст ва барҷо қайд менамояд, ки сиёсати хориҷӣ ҳамчун соҳаи хоси муносибатҳои ҷамъиятӣ дар баробари пайдоиши давлатҳо ба вуҷуд омадааст. Ҳар як ҷомеаи сиёсӣ, яъне давлат ногузир бо ҷомеаҳои сиёсии монанд муносибати ҳамдигарӣ барқарор мекунад ва табиист, ки хоҳ – нохоҳ бо онҳо муносибатҳояшро танзим мекунад. Бо дарназардошти он, ки ҳеҷ як давлат наметавонад ҷудо ва мустақил амал кунад, ҳалли масъалаҳои сатҳи байналмилалӣ пеш меояд. Ба ин масъалаҳо метавон мавҷудияти хатар ба тамомияти арзӣ ва амният, бештар кардани таъмини захираҳои зарурӣ барои таъмини амнияти минбаъдаро нисбат дод.

Дар боби дуюми рисола **“Нақши таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон”** таҳқиқ шуда, аз ҷониби муаллиф қайд мегардад, ки дар фаъолияти сиёсати хориҷӣ яке аз принсипҳои намоён - принсипи нейтралитет (бетараф) будани Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бояд дастгирӣ ёбад. Аммо хатарҳое, ки аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамчун терроризм, ифротгароӣ ва интиқоли маводи мухаддир ба амал меоянд, давлатро маҷбур мекунанд, ки дар амалкардҳои худ ба кумаки ҷомеаи ҷаҳонӣ муроҷиат намояд.

Боби сеюми диссертатсия ба масъалаи **“Ташаккул ва рушди сиёсати хориҷии Ҳукумати ваҳдати миллии Ҷумхурии Исломии Афғонистон”** бахшида шуда, дорои хусусияти ташаккули сиёсати хориҷии ин кишвар дар шароити фаъолияти Ҳукумати ваҳдати миллӣ зери таҳлил қарор гирифтааст.

Дар хулосаи боби зерин, муаллиф ба чунин натиҷа расидааст, ки доктринаи нави сиёсати хориҷӣ чунин масъалаҳои сиёсати хориҷии давлати Афғонистонро дар арсаи байналмилалӣ муайян мекунад:

Гурӯҳи якуми масъалаҳо ба муносибати Афғонистон бо “давлатҳои ҳамсоя ва кишварҳои минтақа” дахл дорад.

Гурӯҳи дуюм муносибатҳои мутақобилаи Афғонистонро бо “олами ислом” муайян мекунад.

Гурӯҳи сеюм ба ҳамбастагии давлатии Афғонистон бо “дӯстон ва иттифоқчиён дар тамоми ҷаҳон” бахшида шудааст.

Доктринаи сиёсати хориҷии Ҳукумати ваҳдати миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз ҷониби коршиносони Афғонистон дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ бо роҳбарии муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба масъалаҳои сиёсӣ Ҷовид Лудин (2014-2015) омода шудааст. Муаллифон чунин андеша доранд, ки ин ҳуҷҷат бояд бо мазмуни асосии “нақшаи стратегии ВКХ Ҷумҳурии Исломии Афғонистон” , ки то қабули доктрина амалӣ мешуд, мувофиқат кунад.

Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳаққиқ аз анҷоми корҳои иҷрошуда натиҷагирӣ карда, ба хулосае омадааст, ки дар шароити кунунӣ мавҷудияти сиёсати хориҷии Афғонистонро дар фаҳмиши анъанавӣ баҳо додан душвор аст, чунки давлат солҳои зиёд дар ҳолати ҷанги шаҳрвандӣ, муқовимати мусаллаҳонаи байниқавмӣ ва ҳузури низомиёни хориҷӣ қарор дорад. Омезиши ин омилҳо, аслан ба таҳияи самтҳои стратегии сиёсати хориҷии давлат халал расонида, манфиатҳои

миллиро ба манфиати бозингарони хориҷӣ тобеъ менамояд. Дар робита ба шаклгирии самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва таҳкими доктринаи сиёсати хориҷии ин кишвар метавон қайд намуд, ки ҳамгиройи ин кишвар бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва кишварҳои Аврупо ва давлатҳои бузурги минтақавӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Рисолаи мазкур бо вуҷуди афзалиятҳои арзандаи илмӣ, баъзе камбудиҳо низ дорад:

1. Муаллиф дар навиштани диссертатсия бештар ба манбаҳои русӣ такя намудааст. Адабиёт ва сарчашмаҳои бо забони дарӣ ва ё англисии муҳаққиқони Афғонистон кам ва ё дар баъзе маврид истифода нашудаанд, гарчанде дар рӯйхати адабиёти истифодашуда зикр шудаанд. Агар муаллиф аз манбаҳои дар рӯйхати адабиёти нишондодашуда дурусттар истифода мекард, арзиш ва аҳамияти кори анҷомшуда бештар мешуд.

2. Таҳаввулоти сиёсӣ-низомии дохилии Афғонистон дар аввали асри XXI, омили толибон ва суқути ин ҳаракат, нақши ҷабҳаи муттаҳиди наҷоти Афғонистон дар он давра, ки дар шаклгирӣ ва тағйири сиёсати нави Афғонистон таъсири асосӣ дорад, бояд ба таври муфассалтар баррасӣ мешуд.

3. Омили дигари таъсиргузор сиёсати хориҷии Афғонистон бо кишварҳои минтақа захираҳои обии фароминтақавӣ мебошанд, ки ба муносибати Афғонистон бо Покистон ва Эрон таъсири мустақим доранд. Хуб мебуд агар муаллиф ба ин масъала ҳам диққат медод.

4. Дар матни рисолаи диссертатсионӣ баъзе иштибоҳоти техникӣ ва имлои ҷой дорад.

Ба камбудиҳои ишорашуда нигоҳ накарда, бояд қайд намуд, ки муаллиф тавонистааст ба мавзӯи доғи рӯз, дар давраи ниҳоят ҳасос, ки таҳаввулоти азими сиёсиро ҳамроҳ дошта, сабабгори пайдоиши фазои нави геополитикии минтақа гардидааст, рӯ оварда, мавриди таҳлил қарор диҳад ва вазифаҳои дар таҳқиқот гузоштаро амалӣ намояд.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович шаҳодати он аст, ки вай маводҳои истифодашударо дарк намуда, бо истифода аз усулҳои замонавии таҳқиқот, мустақилона ва эҷодкорона масъалаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳал намудааст. Дар маҷмӯъ, рисолаи Мамадғафуров И.Э. дар мавзӯи «Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI» арзиши баланди илмӣ дошта, ба талаботи бандҳои 10-12 ва 16-и "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи ин рисола Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. - Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои сиёсӣ, мудири
шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои
байналмилалии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон — А. Искандаров

Имзои А.Искандаров-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои
ИФС ва ҲАМИТ — Б. Кучарова